آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

30 сентябри соли 2020. Чоршанбе № 70 (14669)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Фикри депутат

## ФИКРУ ПЕШНИҲОДҲОИ ШАҲРВАНДОН БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ МУҲИМИ СИЁСӢ ҲАМЧУН АСОС ХИДМАТ МЕКУНАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев аз рўзҳои аввали фаъолият ба сифати роҳбари давлат сиёсати ошкоро ва шаффофро пеш гирифта, барои фаъолияти озоди воситаҳои ахбори оммавӣ роҳи васеъ кушода дод. Имрўз камбудиҳое, ки дар низоми идоракунӣ роҳ дода мешаванд, мушкилоте, ки шаҳрвандони моро азият медиҳанд, аз ҷониби онҳо ошкоро ба миён гузошта мешаванд. Дар натиҷа имрўз воситаҳои ахбори оммавӣ ба пули мустаҳкаме табдил меёбанд, ки давлат ва ҷомеаро ба ҳам мепайвандад. Онҳо вазифаи минбареро, ки шаҳрвандон арзу мушкилоти худро ошкоро ва рўйирост баён мекунанд, иҷро менамоянд. Ин мақомоти дахлдори давлатиро водор месозад, ки оиди мушкилоте, ки аҳолиро азият медиҳанд, огоҳии бештар дошта бошад, онҳоро ҳал кунанд.***

Дар ин замина воситаҳои ахбори оммавӣ ва платформаҳо барои алоқа, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ нақши торафт муҳим мебозанд. Онҳо ба як майдони муколамаи кушоди байни ҳокимият ва халқ, муҳокимаи масъалаҳои мубрам ва мавриди таваҷҷўҳи ҷомеа табдил меёбанд. Аз бисёр ҷиҳатҳо, ба шарофати мавқеи фаъоли шаҳрвандии блогерҳо, нашрияҳои интернетӣ, ҳазорҳо истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ имкон пайдо шуд, ки як қатор ҳолатҳои резонансӣ муносиб ҳаллу фасл карда шаванд. Талаб оиди рўзона бо равшании чароғ ҳаракат кардани мошинҳо, манъи сиёҳкунии оинаҳои мошин, тартиботи нави қабул ба мактабҳои таълими умумӣ, ғайриқонунӣ вайрон карда шудани амволи ғайриманқул ба ин мисол шуда метавонанд. Дар натиҷа, қарорҳои муҳими ҳукумат қабул шуданд, аз ҷумла тартиби нави гирифта мондани қитъаҳои замин ва вайронкунии амволи ғайриманқул тасдиқ шуданд.

Чунин мисолҳо нишон медиҳанд, ки фикру пешниҳодҳои созандаи шаҳрвандон, онҳо ҳатто агар дар ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ баён шуда бошанд ҳам ба назар гирифта мешаванд, баробари ин иштироки васеи аҳолӣ дар идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамзамон, ҳолатҳои монеъ шудан ба фаъолияти журналистон, аз ҷумла дар иштироки онҳо дар мурофиаҳои судӣ, маълумот гирифтан аз мақомоти давлатӣ ҷой доранд. Маълум мегардад, ки бо вуҷуди мавҷуд будани кафолатҳои дахлдори ҳуқуқӣ барои намояндагони ВАО, баъзе мақомоти давлатӣ барои муколамаи ошкоро ва созанда бо ВАО ва блогерҳо омода нестанд.

Аммо, ин паёмҳои нигаронкунанда бинобар иродаи сиёсии роҳбари давлати мо паҳн нашудаанд. Аз замони ба вазифа шурўъ намудани Президент ҳисоботдорӣ, рўшодӣ ва масъулияти шахсони мансабдор дар назди ҷомеа, инчунин мулоқоти самарабахш бо халқ шарти муҳими фаъолияти ҳокимияти давлатӣ муайян карда шуд. Тамоюли «Халқ на ба идораҳои давлатӣ, балки идораҳои давлаӣ ба халқ бояд хидмат кунанд» дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ пеш бурда мешаванд.

Зимни суханронӣ дар маросими бахшида ба 29-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон Президентамон бори дигар таъкид кард, ки «корҳоямон оид ба озодсозии тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъият, амиқ қарор додани озодии сухан ва матбуот, принсипҳои ошкорбаёнӣ ва шаффофият, назорати самараноки ҷамъиятӣ аз болои идоракунии давлатӣ хусусияти бебозгашт пайдо намуданд».

Ин як даъвати муҳимест, ки на танҳо барои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла воситаҳои ахбори оммавӣ, доираҳои сиёсӣ, сармоягузорон ва ҷомеаи байналмилалӣ, балки ба мақомоти давлатӣ низ нигаронда шудааст. Даъватест барои таъмини шаффофияти минбаъдаи манбаъҳои расмӣ, рўшодӣ ва ошкорогии фаъолияти идораҳои давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои тафтиши иттилооти пешниҳодкардаи онҳо, рушди низоми кор бо муроҷиатҳо, дархостҳое, ки ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ меоянд.

Барои таъмини озодии сухан қадамҳои муҳим гузошта шуданд. Аз ҷумла, имрўз масъалаи бекор кардани ҷазои марбут ба ҳабс барои туҳмат ва таҳқири журналистон баррасӣ мегарданд ва механизми ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор барои халал расонидан ба фаъолияти ВАО ва фишор овардан ба журналистон такмил дода мешавад.

Умуман, тайи чанд соли охир дар фазои ВАО тағйироти куллӣ ба амал омаданд. Шакли тақдим намудани ахбор, мундариҷаи видеофилмҳо, радиошунавониҳо, мақолаҳо дар матбуот ва нашрияҳои интернетӣ дигар шуда, дар онҳо мавзўъҳои мавриди таваҷҷўҳи аҳолӣ бештар ба миён гузошта мешаванд. Аксарияти мутахассисон нишондиҳандаҳои мусбати миқдорӣ ва сифатии динамикаи рушди фазои миллии иттилоотии Ўзбекистонро қайд мекунанд.

Инро суръати пешравии мусбати мавқеи Ўзбекистон дар рейтингҳои байналмилалӣ тасдиқ мекунад. Аз ҷумла, дар Индекси ҷаҳонии озодии матбуот-2020, ки созмони байналмилалии ғайриҳукуматии «Хабарнигорони бидуни марз» тартиб додааст, Ўзбекистон дар байни 180 кишвар соҳиби ҷойи 156-ум гардид. Дар ин рейтинг кишвари мо нисбат ба соли 2019-ум 4 зина ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2017-ум 13 зина боло рафт.

Шароити дастрасии омма ба маълумоти кушод мунтазам такмил дода шуда, низоми баррасии дархости шаҳрвандон оиди ба даст овардани маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ фароҳам оварда шуд ва он самаранок кор мекунад. Барои таъмини рўшодии қариб ҳамаи идораҳои давлатӣ асосҳои институтсионалӣ ва инфрасохторӣ фароҳам оварда шуданд, аз ҷумла сайтҳои расмӣ фаъолият мекунанд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасони телеграм саҳифаҳо кушода шудаанд. Масалан, канали телеграми Вазорати тандурустӣ беш аз 78 000, канали Вазорати корҳои дохилӣ беш аз 47 000 ва канали Кумитаи давлатии андоз тақрибан 28 000 муштарӣ доранд. Вазорати адлия тавассути саҳифаҳои худ дар Фейсбук бо аҳолӣ робитаи фаъол дошта, аз ҷумла дар мавзўъҳои мубрам гуфтугўҳои онлайнӣ ташкил менамояд.

Таваҷҷўҳи асосӣ ба омўзиши афкори ҷамъиятӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Мурочиатҳо, фикрҳо ҷамъбаст, таҳлил карда шуда ва асоси қарорҳои муҳими сиёсиро ташкил медиҳанд. Ба ин қабули барномаҳои солонаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи амалро мисол овардан мумкин. Ҳамин тариқ, имсол зиёда аз се ҳазор фикру пешниҳодҳои шаҳрвандон қабул карда шуданд, ки ҳамаи онҳо пеш аз ҳама ба беҳбудии сохтори давлатӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Дар солҳои гузашта шаҳрвандон пешниҳод мекарданд, ки мушкилоти асосан соҳаи иҷтимоӣ, алалхусус масъалаҳои рўзмарра ҳал карда шаванд. Натиҷаҳои имсола нишон медиҳанд, ки саводнокии сиёсӣ ва фаъолнокии аҳолӣ хеле баланд шудааст. Шаҳрвандон бо назардошти на танҳо таҷрибаи шахсӣ, балки таҷрибаи беҳтарини хориҷӣ пешниҳодҳои асоснок ва тасдиқшуда мефиристанд. Таъмини иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои сиёсӣ дар баланд бардоштани ҳисси дахлдории онҳо ба ислоҳот аҳамияти муҳим касб менамояд.

**Бобур БЕКМУРОДОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ДАР ФАЗОИ ДЎСТИВУ ҲАМДИГАРФАҲМӢ

***29 сентябри соли 2020 дар Душанбе Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулла Арипов бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода мулоқот кард.***

Дар аввал, сарони ҳукуматҳо дар ҳайати танг мулоқот карданд.

Сарвазири Ўзбекистон ба ҳамкасби тоҷикистонии худ барои пазироии самимона изҳори миннатдорӣ намуда, қайд кард, ки ин мулоқот фурсати хубе барои баррасии вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкорӣ мебошад.

Сарвазири Тоҷикистон таъкид кард, ки дар муддати кутоҳ дар байни давлатҳоямон ҳамкориҳои мустаҳкам ба роҳ монда шуданд, ин сафар идомаи мантиқии муколамаи бемайлони мутақобилан судманд ва фаъол мебошад.

Пас аз он, музокирот дар ҳайати васеъ бо иштироки намояндагони ҳукуматҳои ду кишвар идома ёфт.

Зикр гардид, ки ба туфайли иродаи сиёсӣ ва сиёсати дурандешонаи сарони давлатҳо дар таърихи кишварҳои мо саҳифаи нави тиллоӣ боз гардид, муносибатҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон аз нав барқарор гардиданд, дар муддати кўтоҳ ҳамкориҳои мустаҳкам қарор ёфтанд, равобити серҷирра ба зинаи нав бардошта шуда, дўстии халқҳоямон таҳким ёфтанд.

Дар ҷамъомади Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ иҷрои созишномаҳо, ки дар ҷаласаи 6-уми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, ки моҳи апрели соли 2019 дар Тирмиз таҳти раёсати сарони ҳукуматҳо баргузор гардид, баррасӣ гардиданд.

Тавре зикр гардид, ҳаҷми савдои дуҷониба меафзояд. Аз ҷумла, дар се соли охир ин рақам 2,4 маротиба зиёд шудааст. Сарфи назар аз пандемия мубодилаи тарафайни мол дар муқоиса бо ҳамин даврai соли гузашта 4,3 фоиз афзуда, 317 миллион долларро ташкил дод.

— Гардиши савдои мутақобила ба зарфиятҳои кишварҳои мо мувофиқат намекунад, — гуфт А.Арипов. — Аз ин рў, сарони давлатҳо дар назди мо вазифа гузоштаанд, ки гардиши мутақобилаи молро дар солҳои наздик ба 1 миллиард доллар расонем. Мо барои ин тамоми имкониятҳоро дорем. Чунки, захираҳои бузурги истифоданашуда мавҷуданд.

Дар ҷамъомад инчунин вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, энергетика ва фарҳангию гуманитарӣ, инчунин кишоварзӣ ва хоҷагии об муҳокима шуданд.

Бинобар натиҷаи мулоқот баёни ҷаласаи 7-уми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ба имзо расид.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**мухбири ЎзА.**

Эътироф

## ТАШАББУСҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ПЕШ АЗ ҲАМА БА РУШДИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ НИГАРОНИДА ШУДААНД

**Намояндагони доираҳои сиёсии хориҷӣ ва коршиносон оид ба ташаббусҳое, ки дар рафти видеомуроҷиати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ эълон шуданд, мубоҳисаҳои шадидро идома медиҳанд.**

**Шерҷон АҲМАДЗАЙ, роҳбари Маркази Афғонистоншиносии Донишгоҳи Небраскаи Омаха:**



— Суханронии Президент Шавкат Мирзиёев дар Ассамблеяи Генералии СММ қобили таваҷҷўҳ аст, зеро дар он масъалаҳои минтақавӣ, алалхусус марбут ба Афғонистон алоҳида ба забон гирифта шуданд. Да тўли чор соли охир панҷ маротиба афзоиш ёфтани мубодилаи мол байни Ўзбекистон ва кишварҳои ҳамсоя барои Афғонистон ва минтақа натиҷаи мусбат ба ҳисоб меравад.

Саъйи Ўзбекистон бобати тавассути Покистон ба уқёнуси Ҳинд баромадани Осиёи Марказӣ, пайвастан ба дахлезҳои ҷаҳонии иқтисодӣ, нақлиётӣ ва транзитӣ метавонад умедҳои деринтизори мардуми минтақаро бобати роҳандозии равобити наздики иқтисодӣ амалӣ намояд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар суханронии худ дар саммити СММ ба як ҷанбаи асосии дигар иштироки Ўзбекистон дар ҷараёни музокироти қувваҳои мухолифи Афғонистон дахл кард. Ба фикрам, умеди деринтизор барои хотима додан ба ҷанг метавонад ба зудӣ ба воқеият табдил ёбад.

Татбиқи ташаббуси Президенти Ўзбекистон дар бораи таъсиси кумитаи доимӣ оид ба мусоидат ба рушди иҷтимоию иқтисодии Афғонистон, ки ҳадафи асосии Созмони Милали Муттаҳид аст, муҳим аст. Ин аз он далолат медиҳад, ки ҳукумати Ўзбекистон баробари баланд бардоштани фаровонии иқтисодии халқи худ ба баркарор намудани сулҳу осоиш дар минтақа садоқатмандона кўшиш мекунад. Бешубҳа, ҳамкории мутақобила ва ҳамгароӣ қисми ҷудонопазири рушди устувор мебошад, Ўзбекистон бошад, инро хуб дарк менамояд.

Ташаббусҳои Ўзбекистон дар бароборi таҳкими Осиёи Марказӣ ба сифати минтақаи ягона ва шукуфон, ба Ўзбекистон ва дигар кишварҳои минтақа имкон медиҳанд, ки маҳсулоти худро ба бозорҳои калони Покистон ва Ҳиндустон ворид намуда, иқтидори содиротиро ба таври назаррас афзоиш диҳанд.

Инчунин бояд қайд кард, ки ин сиёсати Осиёи Марказӣ ба самтҳои устувори сиёсати хориҷии ИМА комилан мувофиқ аст.

**Ангус МИЛЛЕР, мушовири собиқи ҳукумати Британиёи Кабир оид ба амнияти энергетикӣ ва тағйирёбии иқлим:**



— Ман мурочиати Президент Шавкат Мирзиёевро дар Ассамблеяи Генералии СММ бо мамнуният пазируфтам. Ин бешубҳа на танҳо барои халқи Ўзбекистон, балки барои кишварҳои ҳамсоя ва ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти таърихӣ дорад.

Дар тўли 20 соли охир имкони чандин маротиба ба Ўзбекистон сафар карданро доштам. Бинобар ин, нигаронии роҳбари давлатро дар бораи оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии офати экологии баҳри Арал хуб дарк мекунам. Ин мушкилот дар натиҷаи идоракунии бесамари захираҳои об дар даврони Шўравӣ ба миён омадааст.

Фонди траст, ки бо ташаббуси Президенти Ўзбекистон таҳти сарпарастии СММ таъсис ёфтааст, бояд барои ҷалби кўмаки амалии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба аҳолии минтақае, ки дар ҳудудҳои вазъи экологиашон душвор зиндагӣ мекунанд, ба платформаи боэътимод табдил ёбад.

Сарвари давлат ташаббуси қабули қатъномаи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ оид ба минтақаи баҳри Арал «Минтақаи инноватсия ва технологияҳои экологӣ»-ро пеш гузошт. Пешниҳодҳо дар бораи эълони Рўзи байналмилалии ҳифз ва баркарорсозии экосистема сазовори эътибор буда, баҳои муносиби ҷомеаи коршиносонро гирифт.

Ташаббусҳое, ки аз ҷониби Президент пешниҳод шуданд, ба таҳкими минбаъдаи робитаҳои наздик бо дигар кишварҳо ва халқҳо равона карда шудаанд ва бо назардошти ҳувияти фарҳангӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмии Ўзбекистон ба вазъи минтақа ва ҷаҳон таъсири мусбат мерасонанд.

**Масахиро ХОРИЕ, директори Маркази пешсафии глобалии Донишгоҳи GRIPS-и Ҷопон:**



— Нутқи Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба мавзўъҳои дақиқ ва ҳамзамон муҳим нигаронда шудаанд. Аксарияти мавзўъҳои он ба мушкилоти муҳими байналмилалӣ ва ҳалли онҳо марбутанд. Зимни суханронӣ дар бораи ин мушкилоти глобалӣ, Президент на танҳо барои тамоми ҷаҳон муҳим будани ҳалли онҳоро таъкид кард, балки дар бораи дастовардҳои Ўзбекистон дар ин соҳа бо ифтихор сухан ронд.

Аз ташаббусҳои Президенти Ўзбекистон андешаҳои ў дар бораи рўзмаррагии мубориза бо коронавируси нав, аҳамияти рафъи оқибатҳои он сазовори эътибор аст.

Президент дар суханронии худ қайд кард, ки барои бомуваффақият мубориза бурдан бо пандемия «Муттаҳид сохтани кўшишҳои ҳукуматҳо, парлумонҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими принсипҳои масъулияти умум, рушди шарикии байналмилалӣ, баланд бардоштани мақом ва иқтидор, васеъ гардондани ваколатҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ зарур аст».

**Нандан УННИКРИШНАН, таҳлилгари Маркази тадқиқотии "Observer Research Foundation":**



— Маърўзаи Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ пухта буда, ба истиқболи дур, пешравии мусбат нигаронда шудааст. Президент пешниҳодҳои муҳими барномавиро ба миён гузошт. Корҳои самарабахше, ки ба амиқтар кардани равандҳои демократӣ дар кишвар, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон амалӣ шуданд, таъкид гардиданд.

Боварии комил дорам, ки намояндагони доираҳои сиёсӣ ва таҳлилии Ҳиндустон ба суханронии Президенти Ўзбекистон таваҷҷўҳи хоса зоҳир карданд. Президенти Ўзбекистон дар мурочиати худ як қатор ташаббусҳои муҳимро дар роҳи манфиати умумии инсоният ба миён гузошт. Аз ҷумла, пешниҳодҳо оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва иқтидори транзитӣ дар минтақа барои Ўзбекистон ва Ҳиндустон баробар аҳамият доранд. Зеро роҳ ёфтан ба минтақаи Осиёи Марказӣ ва Авруосиё, дар ин бобат ба роҳ андохтани долонҳои қулайи нақлиётӣ барои Ҳиндустон низ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ҷанбаи дигари муҳими маърўза барои Деҳлӣ ақидаҳои Президенти Ўзбекистон оид ба истиқрори сулҳ ва субот дар Афғонистон буд. Аз ҷумла, ман пешниҳоди таъсиси кумитаи доимӣ дар назди СММ оид ба Афғонистонро як иқдоми хеле мувофиқ мешуморам. Шубҳае нест, ки ин ташаббус дар доираи расмии Ҳиндустон бо диққати махсус омўхта мешавад.

Дар суханронии худ Президенти Ўзбекистон пешниҳодҳои хуб андешидашудаи худро оид ба дигар масъалаҳои глобалӣ, ки назди ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор доранд, алалхусус тағйирёбии иқлим, нарм гардондани оқибатҳои пандемия, паст кардани сатҳи камбизоатӣ изҳор намуд.

Ман ҳамчун як коршиноси ҳиндустонӣ гуфта метавонам, ки суханронии Президент Шавкат Мирзиёев дар Ассамблеяи Генералии СММ самти ҳамаҷониба ва хуб андешидашудаи рушдиояндаро инъикос намудааст. Ҳиндустон ва Ўзбекистон барои тавсеаи минбаъдаи ҳамкорӣ бинобар масъалаҳое, ки дар маърўза қайд шудаанд, имкониятҳои калон доранд.

**АИ "Дунё".**

***Аз қадимулайём халқҳои ўзбеку тоҷик дўсту бародар ба шумор меравaнд ва ин анъанаи нек то кунун идома дорад. Ташрифҳои давлатии Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон ва Эмомалӣ Раҳмон ба Ўзбекистон, ҳамчунин намояндагони ҳукумат, сенаторҳо ва депутатҳои парламенти дўстии ду кишвар, арбобони санъату маданият ҳамкориҳои тарафайн ва муносибатҳои дипломатии миёни Ўзбекистону Тоҷикистонро боз ҳам қавитар гардонд.***

## ҲАМКОРИҲОИ ТАРАФАЙНИ ПАРЛАМЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОНУ ТОҶИКИСТОН ТОРАФТ ГУСТАРИШУ ТАҲКИМ МЕЁБАД

Имзои якчанд созишнома аз тарафи роҳбарони ду давлат мушкилот ва масъалаҳои ҳалталабро дар мавриди содирот ва воридоти маҳсулот, пардохти боҷи гумрук, тавсеаи сайёҳӣ, ривоҷи ҳамкориҳо дар бахши соҳибкорӣ, фарҳанг ва ғайра сода намуд. Шароити мусоид фароҳам оварда шуд, ки ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар ҷабҳаҳои гуногун барои манфиатҳои халқҳои саодатманди Ўзбекистону Тоҷикистон беш аз пеш хидмат намоянд.

Алалхусус, дар се соли охир дар сарзамини ду кишвар ба нишонаи арҷгузорӣ "Боғи адибон", "Майдонҳои хушманзараи дўстӣ", "Қасрҳои пуршукўҳи байналмилалӣ", "Марказҳои фарҳанги миллӣ" бунёд гардида, халқҳои ўзбеку тоҷикро ба ҳамдигар боз ҳам наздик гардонд.

Дар лаҳзаҳои басо мушкилзо ва шароити вазнин, ки мардуми тамоми ҷаҳонро ба асари пахши бемории вируси тоҷдори "COVID-19" ба ташвиши ҷиддӣ мувоҷеҳ кардааст, кишварҳои дўсту бародар ҷиҳати таъмини ҳамдигар бо таҷҳизоти тиббӣ, доруву дармон, маҳсулоти хўрокворӣ, сару либос ва ғайра ба якдигар дасти ёрӣ дароз менамоянд. Талоши зиёд ба харҷ дода мешавад, ки ҳарчи зудтар ин ду халқи дўсту бародар аз сироятi бемории хатарнок наҷот ёбанд.

Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон моҳи апрели соли ҷорӣ "Гурўҳи дўстии парламенти Ўзбекистону Тоҷикистон"-ро таъсис дод. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин гурўҳи дўстӣ созмон додааст.

Ҳамкориҳои нахустини гурўҳи дўстии парлумонӣ 13-15 сентябр бо сафари ҷонишини Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Акмал Саидов дар ҳайати 25 нафар ба Тоҷикистон, бо баргузории видеоконфронси аъзои гурўҳи дўстӣ дар санаи 14 сентябр, бо сафари расмии ҷонишини Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Улуғбек Иноятов ба Тоҷикистон 21-22 сентябр оғоз гардиданд. Аъзои гурўҳи дўстии парлумонӣ ҳамкориро дар соҳаи қонунгузории миллӣ минбаъд ба таври мунтазам идома медиҳанд.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон аз ду палата таркиб ёфтааст. Дар боби сеюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои умумии фаъолияти парламенти Тоҷикистон – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти худро ёфтааст. Бар ин асос он аз ду маҷлис – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат мебошад. Мўҳлати ваколати узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони узви Маҷлиси намояндагон 5 сол мебошад. Маълумотҳои фарогир шаҳодат медиҳанд, ки гурўҳи дўстии парламенти кишварҳои Ўзбекистону Тоҷикистон дар давоми 5 сол то итмоми муддати фаъолияти сенаторӣ ва депутатӣ ва пас дубора муайян намудани таркиби нав чунин ҳамкориҳои дўстонаи парламентро давом медиҳанд.

Пас аз бозгашт аз сафари Тоҷикистон 25 сентябри соли ҷорӣ дар ҷаласаи Олий Маҷлис ҷонишинони Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Акмал Саидов ва Улуғбек Иноятов дар бораи фаъолияту ҳамкориҳои гурўҳи дўстии парлумонӣ ҳарф зада, дархосту пешниҳоди дўстони тоҷикро ёдрас намуданд. Бино ба маълумоти узви гурўҳи дўстии парлумонӣ ба муносибати пахши вируси бемории тоҷдори "COVID-19" сарҳадҳои муваққатан басташудаи Тоҷикистону Ўзбекистон дар рўзҳои наздик кушода мешаванд. Масъалаҳои дигари судманди тарафайн низ тибқи талаботи қонунҳои миллӣ ҳалли худро меёбанд. Омаду рафти ду мардуми баҳам бародар дубора озод мегардад, робитаи дўстиву рафоқат боз ҳам ривоҷ меёбад.

Парламенти Ўзбекистон аз намояндагони миллатҳои гуногун таркиб ёфтааст. Чаҳор нафар намояндагони миллати тоҷик узви ҳамин парламент ба шумор меравaнд.

Барои он ки қонунҳо ва моддаҳои он ҷавобгўйи меъёрҳои байналмилалӣ бошанд ва манфиатҳои умумимиллиро мунаъкис созанд, аъзои гурўҳи дўстии парлумонӣ аз таҷрибаҳо ва дастовардҳои ҳамдигар баҳраманд мешаванд.

Аъзои гурўҳи дўстии парлумонӣ мақсад доранд, ки дар оянда бо истифода аз таҷрибаи ҳамдигар ҳамкорӣ дар соҳаи қонунгузориро вусъат диҳанд. Тавре ки дар урфият мегўянд, "қарс аз ду даст мебарояд". Ҳамкории гурўҳи дўстии Ўзбекистону Тоҷикистон ҳар чӣ қадар рушду нумўъ намояд, дастовардҳо дар соҳаи қонунгузорӣ ва муайян намудани моддаҳои умумимиллӣ ҳамон қадар бештар мешаванд.

*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,*
*Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,*
– гуфтаанд хирадмандон.

**Таваккал ЧОРИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

# ДАР РОҲИ ТАҲКИМБАХШИИ РИШТАҲОИ ДӮСТӢ

***Чанде пеш ҳайате иборат аз ходимони маданияти Ӯзбекистон дар кишвари ҳамсоя меҳмон буданд.***

Бино ба маълумоте, ки Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон пешниҳод намудааст, ҳайати мамлакати мо аввал аз ёдгориҳои таърихию фарҳангии шаҳри Хуҷанд, хусусан ҳисори Хуҷанд, осорхонаи таърихии вилояти Суғд ва хона-музейи Камоли Хуҷандӣ дидан карданд.

Сипас ҳайати кишвари мо таҳти роҳбарии вазири фарҳанг О. Назарбеков бо кору фаъолияти Китобхонаи давлатии Тоҷикистон дар Душанбе ошно шуд. Дар китобхонаи мазкур намоишгоҳи махсусе ташкил дода шуд, ки дар он китобҳои роҳбарони Ӯзбекистону Тоҷикистон, олимон, шоирон ва нависандагони ду давлат ба маъраз гузошта шуда буданд. Дар ин ҷо вохӯрии роҳбари ҳайати Ӯзбекистон бо вазири фарҳанги Тоҷикистон Зулфия Давлатзода баргузор шуд.

Дар рафти суҳбат таъкид гардид, ки Ӯзбекистону Тоҷикистонро таърихи умумӣ, арзишҳои маънавии муштарак ба ҳам мепайванданд. Воқеан, ин як халқи бо ду забон такаллумкунанда — ӯзбекону тоҷиконро аз азал риштаҳои хешу таборӣ ба ҳам мепайвандад.

Имрӯз низ робитаҳои некҳамсоягии байни халқҳоямон ва ҳамкорӣ дар ҳама соҳаҳои ду кишвар ба ҳукми анъана медарояд. Солҳои охир дар робитаҳои тарафайн пешравӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин росто сиёсати дурандешонаи роҳбарони ду давлат, мулоқоти ошкорои ба боварии тарафайн асосёфта, ҳамчунин, муоҳидаҳои дар ин вохӯриҳо батасвибрасида аҳамияти муҳим касб менамоянд.

Қайд гардид, ки Тоҷикистон дар ҳамаи самтҳо ба ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон, таҳким бахшидан ва вусъат додани пойгоҳи ҳуқуқии дуҷониба омода аст.

Анҷумани мазкур ва чорабиниҳои минбаъдаи фарҳангӣ ба вусъат додани ҳамкориҳои судманди ду мамлакат ва таҳким бахшидани риштаҳои дӯстии ду халқи бародар хидмат мекунанд. Пешниҳоди ҷониби Ӯзбекистон дар бораи роҳандозии табодули факсимилияи дастхатҳои таърихии нодире, ки дар китобхона ва даргоҳҳои илмию тадқиқотии ду мамлакат маҳфузанд, мавриди дастгирӣ қарор гирифт.

О. Назарбеков пешниҳодро доир ба баргузории Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва нав кардани Созишномаи байниидоравиро дар соҳаи фарҳанг, баъди бекор кардани маҳдудиятҳое, ки ба туфайли пандемияи тоҷвирус ҷорӣ карда шуда буданд, хуш пазируфт. Ҳамчунин, аз ҷониби вазири фарҳанги Ӯзбекистон пешниҳод гардид, ки номзаднома бино ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид намудани мероси фарҳангии ғайримоддии муштараки халқҳои ӯзбеку тоҷик якҷоя омода карда шавад ва ҳамкориҳо дар самти санъати мақом вусъат ёбанд.

Дар доираи сафари корӣ доир ба мавзӯи «Дӯстӣ бошад мароми ҷовидон!» суҳбати мизи мудаввари аҳли эҷод баргузор шуд.

Дар Тоҷикистон саъю ҳаракатҳои Президенти Ӯзбекистон доир ба ҳаллу фасли мушкилоти муносибатҳои ду мамлакат баланд арзёбӣ мегардад. Ҳайати Ӯзбекистон дар доираи барномаи фарҳангӣ аз қасри «Наврӯз» и Душанбешаҳр ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон низ дидан карданд.

Сипас аъзои ҳайат дар Академияи фанҳои миллии Тоҷикистон, Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайн мулоқот баргузор намуданд. Дар поёни вохӯрӣ дар байни филиали дар вилояти Навоӣ будаи Академияи фанҳои Ӯзбекистон ва Институти геология, сейсмологияи Академияи фанҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Меморандуми ҳамкорӣ ба тасвиб расид.

**Н. УСМОНОВА,**
**мухбири ӮзА.**



# КУШОДАНИ БИНОИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТ ДАР НОҲИЯИ СПИТАМЕН

***27 сентябри соли 2020 дар ноҳияи Спитамен бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 33 мавриди истифода қарор гирифт.***

Дар маросими ифтитоҳи бинои таълимӣ, ки дар асоси созишномаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо саҳми кишвари дӯст бунёд шудааст, вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода, вазири таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шерзод Шерматов, муовини Раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ ва фаъолони ноҳия иштирок доштанд.

Зимни ифтитоҳи бинои таълимӣ вазирони маорифи Тоҷикистону Ӯзбекистон бо ёдоварӣ аз сиёсати пешгирифтаи сарони давлатҳо – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев таъкид доштанд, ки муносибатҳои дӯстонаи давлатҳо реша дар умқи таърих дорад. Маҳз бо кӯшиши сарони давлатҳо ҳамкориҳои ду давлат ба марҳилаи нав ворид гардида, боиси хушҳолии мардумони ду кишвар шуд.

Бинои нави таълимӣ дар деҳаи Андарсойи Ҷамоати деҳоти Турсун Ӯлҷабоев ҷойгир буда, сохтмони он моҳи августи соли 2018 оғоз гардида буд. Сохтмон аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ӯзбекистон темир йўллари» ва ба маблағи зиёда аз 18 миллион сомонӣ анҷом ёфт.

Муассисаи мазкур барои 630 нафар хонанда пешбинӣ гардида, аз 3 ошёна, 28 синфхонаи таълимӣ, хуҷраҳои маъмурӣ, китобхона, ошхона бо 224 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳ, китобхона, толори варзиш ва майдончаи варзиш иборат аст.

**Маратҷон**
**ҶАББОРОВ,**
**вилояти Суғди**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

# ДАР ДУШАНБЕ КОРХОНАИ МУШТАРАКИ «АРТЕЛ АВЕСТО ЭЛЕКТРОНИКС» БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

***Дар шаҳри Душанбе дар доираи сафари Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулла Арипов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи муштараки истеҳсоли техникаи маишии «Артел Авесто Электроникс» ба истифода дода шуд, ки дар маросими ифтитоҳи он Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулла Арипов иштирок намуда, бо раванди истеҳсолот дар корхонаи муштарак шинос гардиданд.***

Моҳи феврали соли 2019 корхонаи муштараки «Артел Авесто Электроникс» дар шакли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бо иштироки ҳиссавии байни ду ширкат дар ҳаҷми 50/50-фоизӣ ташкил карда шуд.

Бояд гуфт, ки хати истеҳсолӣ, ки дар он 43 номгӯй таҷҳизот ва 129 комплекти мол ва ашё пешбинӣ карда шудааст, асосан аз кишварҳои Ӯзбекистон, Русия, Корея ва Чин таҳвил ва насб карда шудааст.

Дар доираи мувофиқаи шарикони тиҷоратӣ раванди истеҳсолот дар ду марҳила интихоб гардида, дар марҳилаи якум истеҳсоли ду намуди чангкашак ва чор намуди обгармкунак, дар марҳилаи дуюми истеҳсолӣ телевизор ва мошини либосшӯӣ истеҳсол карда мешавад. Алҳол марҳилаи якуми хати истеҳсолӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, чангкашак ва обгармкунак истеҳсол мегарданд.

Ҳамзамон таъсиси корхонаи муштараки «Артел Авесто Электроникс» ҷавобгӯи мувофиқаҳои роҳбарони олии ҳарду давлат буда, ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳкими муносибатҳои дӯстиву бародарона ва ҳусни ҳамҷаврии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон саҳми бориз мегузорад.

**АМИТ «Ховар».**

Очерк

# МЕҲНАТ НАКУНӢ, САНГИ СИЁҲ ЛАЪЛ НАГАРДАД



Субҳи содиқ Ҷасур аз хоб хесту ҳадаҳа рафта дар оби ҷӯи равон дасту рӯяшро шуст. Машғули либоспӯшӣ буд, ки ҳамсараш:

– Нонушта тайёр, дадеш. Ман зуд рафта говро ҷӯшида меоям ва баъд шуморо ба кор гусел мекунам, – гуфт бо меҳрубонӣ Нигорахон.

– Азизам, ман бояд ба сари замин равам. Имрӯз чидани пахтаи майдони даҳгектараро шурӯъ мекунем. Баъди ягон соат чинакчиён ҳам омада мемонанд. Ту аз падару модарам бохабар шаву ноштояшонро тайёр карда деҳ. Интизори ман набош, – гуфт ба ҳамсараш ва савори мошин шуда, ҷилави онро ҷониби саҳро тофт.

Майдони даҳгектараи хоҷагии фермерии ӯ дар масофаи начандон дур аз канори деҳаи Юзчинори ноҳияи Баликчӣ воқеъ гаштааст. Мошин баъди каме ҳаракат аз роҳи калон ба тарафи чап тоб хӯрд ва зери беди калон таваққуф намуд. Ҷасур аз мошин пойин шуд ва ба саргаҳи майдон омад. Ҳар як ғӯза ба чаҳор тараф шона паҳн намуда, дувоздаҳ-понздаҳтоӣ кӯсак ғарқ шукуфон буданд.

Дарвоқеъ, натиҷаи маслиҳату машварати пирони кордида ва дуову фотиҳаи падараш, гузашта аз ин, меҳнати шабонарӯзии коргарони хоҷагии фермерӣ буд, ки имсол аз порсола дида ҳосили кишти пахта самараи бештар ба бор овард.

Ҷасур як ба атроф нигарист ва ба шавқ омаду ба яке аз ҷӯякҳои пахта даромад. Бо ҳамон шавқу завқ дудаста ба пахтачинӣ шурӯъ кард. Дарҳол қабзааш аз пахта пур шуд. "Агар пешдоман медоштам, то омадани чинакчиён як доман пахта мечидам", аз хаёл гузаронд ӯ.

Баъди лаҳзае пасу пеш занону духтарони сару рӯй ва даҳонашон бо рӯймол печонидашуда ба сари ин майдон ҳозир шуданд. Дар они воҳид сукунати атроф аз гуфтугӯ ва садои чақ-чақу хандаи занону духтарон барҳам хӯрд.

– Пахтаи дирӯз чидаатонро пункт бе ягон эътироз қабул кард. Медонам, шумо на барои он талош мекунед, ки бештар пахта чинеду маблағи бештар ба даст оваред. Дар миёни хоҷагиҳои фермерӣ сифати пахтаи шумо беҳтарин эътироф гардид. Ҳатто мудири пункти қабул барои чунин пахтаи хушсифат арзи сипос намуд,– таассуроти дирӯзаи худро мухтасар ба чинакчиён тавзеҳ дод Ҷасур.

Занону духтарон чолокона вориди ҷӯякҳои пахта шуданд ва ба чидани он пардохтанд.

***

Суҳбат бо Ҷасур Ҷӯраев дар саргаҳи ҳамин майдони пахта баргузор шуд. Вай ҳанӯз ҷавон аст, аммо дар кори деҳқонӣ, кишту парвариши пахтаву ғалла аллакай таҷрибаи калон ҳосил намудааст.

– Ҳамин шӯълаи меҳри заминро дар дили ман тағоям – роҳбари хоҷагии фермерии "Обидҷонота" Бахромҷон Қосимов маъво гирондааст. Вақте ки дар синфи панҷум мехондам, бо тағоям ба сари замин меомадам. Дар мавсими ҷамъоварии ғалла, ки асосан ба давраи таътили тобистонаи мактабамон рост меомад, ҷоям дар киштзор буд. Баъд мавсими ҷамъоварии ҳосили пахта шурӯъ мешуд. Ҳамон солҳо мактаббачагон низ ба ҷамъоварии ҳосили пахта ҷалб карда мешуданд. Бо амри тағоям кори ҳамтоёни худро назорат мекардам,– ёдовар шуд Ҷасур Ҷӯраев.

Ба гуфтаи ӯ соли 2015 дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Юзчинор хоҷагии фермерии "Янги қишлоқ-бунёдкор"-ро таъсис дод. Ҳоло ин хоҷагии фермерӣ соҳиби 85 гектар замин мебошад.

– Имсол ба 54 гектар ғалла коштем. 30 гектарро барои кишту парвариши пахта ихтисос додем. Ҳосили ғаллаамон хеле бобаракот шуд. Ба хирмани давлат 270 тонна ғаллаи хушсифат супурдем ва нақшаи шартномавиро барзиёд иҷро кардем. Ғайр аз ин, 273 тонна гандум дар ихтиёри хоҷагии фермериамон монд,– мегӯяд Ҷасур Ҷӯраев.

Тавре ки Ҷасур Ҷӯраев тазаккур дод, аз ҳисоби ҳосили имсолаи кишти ғалла ба ҳар як мироби хоҷагӣ дунимсе тоннагӣ гандум расид ва хурсандии онҳо ҳадду канор надошт.

– Дар ин солу замон як оилаи панҷ-шаш нафарӣ бо ин миқдор гандум бемалол як соли дарозро сер пушти сар мекунад. Боз маоши аз хоҷагӣ ба даст овардаашонро барои корҳои дигари оила харҷ мекунанд,– иброз дошт раҳбари хоҷагии фермерӣ.

Ҷасур Ҷӯраев мегӯяд, ба ҳар як коргари доимии хоҷагии фермерӣ, ки теъдодашон сӣ нафар мебошад, 300-400 килограммӣ гандум тақсим намуд. Барои кишти соли оянда низ як миқдори ин гандумро ба анбори махсус ба ҳайси тухмӣ захира кард.

Вақте ки вай дар бораи даромади соли гузаштаи хоҷагии фермериаш ҳарф зад, ангушти ҳайрат газидам. Соли гузашта хоҷагии фермерӣ 800 миллион сӯм даромади соф гирифтааст.

– Аз тариқи лизинг дар ивази як миллиард сӯм комбайни ғалладаравӣ харидем. Дар айни ҳол маблағи пешпардохт 270 миллион сӯмро ташкил мекунад. Минбаъд аз ҷалби комбайнҳои дигарон наҷот ёфтем. Зеро баъзан 5-10 рӯз навбат мепоидем, ки комбайн ба сари замини мо низ ояду ғаллаамонро даравад. Акнун ҳосили ғалларо бо комбайни хусусӣ медаравем,– мегӯяд роҳбари хоҷагии "Янги қишлоқ-бунёдкор".

Ҳамсуҳбати мо қайд намуд, ки ин хоҷагӣ соҳиби ду трактори "Белорус" ва як трактори шудгор низ мебошад. Аз ҳисоби даромад зиндагии коргарон хеле беҳбуд ёфт.

– Ҳарҷи ба даст овардем, ба туфайли меҳнат ба он соҳиб шудем. Чанд мошини сабукрав харидем, ҳавлиамонро обод кардем, барои як бародарам манзил сохтем,– изҳор кард Ҷасур Ҷӯраев.

Маълум шуд, ки яке аз коргаронашон барои писараш арӯс мефарорад. Пеш аз баргузории тӯй аз ҳисоби хоҷагии фермерӣ ду хонаи ҳавлии ӯро таъмир кардааст, аз лиҳози маблағ низ соҳиби тӯйро дастгирӣ намудааст.

***

Ҷасур Ҷӯраев раиси мавзеи Охунбобоеви ноҳия мебошад. Дар ин мавзеъ 13 хоҷагии фермерӣ фаъолият мекунад ва дар он ба кишту парвариши ғалла ва пахта машғуланд. Ду хоҷагии фермерии боғпарварӣ низ таҳти тасарруфи раёсати ӯ қарор доранд. Ин хоҷагиҳои фермерӣ бозорҳои вилоят ва берун аз онро бо мевову сабзавот таъмин мекунанд.

Дар аснои суҳбатамон як мошини сабукрави "Ласетти" дар роҳи калони шафати ин майдони пахтазор омада таваққуф кард.

– Ана, падарам ҳам омаданд,– гуфт бо чеҳраи шукуфон Ҷасур Ҷӯраев ва ба истиқболи падар шитофт.

Баъд падараш– Абдуқаҳҳор Ҷӯраев ба суҳбати мо пайваст.

***

– Ману завҷаам нафақахӯр ҳастем. Бо ғамхории ҳукумат ва кароматии писаронам даврaи пирӣ меронем. Солҳои дароз дар соҳаи дорусозӣ кор кардам. Писарам Ҷасур роҳбари хоҷагии фермерӣ аст. Дар тафовут аз писари дигарам Мансурхон дар идораи маҳсулоти ғалла кор мекунад ва писари хурдӣ – Ҳосилхон дар яке аз донишгоҳҳои шаҳри Тошканд машғули таҳсил мебошад,– гуфт Абдуқаҳҳор Ҷӯраев.

Аз суҳбат бо ӯ маълум шуд, ки қаҳрамони очерки мо – Ҷасур бахши муҳандисии Донишгоҳи хоҷагии халқи Тошкандро хатм кардааст. Аммо меҳри замин вайро ба сӯи худ кашидааст ва ба кишоварзӣ рӯй овардааст.

– Ба наздикӣ дар як маҷлис ҳокими ноҳияамон Ҷасурбек Абдураҳимов корҳои писарамро таърифу тавсиф кард. Аз ин ҳарфҳои нек ифтихор намудам. Аз фарзанде, ки ба волидайн раҳмат меоварад, Худованд низ розӣ аст,– гуфт Абдуқаҳҳор Ҷӯраев.

Вай бо итминон афзуд, ки писараш корҳои хоҷагии фермериро хеле хуб ба роҳ мондааст. Ба гуфтаи Абдуқаҳҳор Ҷӯраев заминҳои таҳти тасарруфи хоҷагии фермерии писаршро 22 сол муқаддам ба иҷора гирифта буданд.

– Баъд хоҷагиҳои фермерӣ ташкил карда шуданд ва ин заминҳо ба ҳисоби хоҷагии фермерии "Янги қишлоқ-бунёдкор" гузашт, ки ҳоло роҳбарии онро писарам ба дӯш гирифтааст, – иброз намуд ин ҳамсуҳбати мо.

***

Роҳбари хоҷагии фермерӣ номи миробҳо Қаҳрамон ва Бахтиёр Ортиқовҳо, Азизбек Абдумуталов, Ҷӯрабек Холдоров, чинакчиёни моҳир Зумрадхон Ҷӯраева, Фарида Қодирова, Муқаддасхон Султонова ва Саодат Тоҷибоевaро бо ифтихор ба забон овард. Ба гуфтаи ӯ онҳо дар пешрафти кори хоҷагии фермерӣ саҳми калон мегузоранд.

Вориди майдони пахта шудам ва хостам бо баъзе чинакчиён суҳбат кунам. Онҳо дастпӯшак ба даст кашидаву якзайл пахта мечиданд. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷо пешдоманҳои пур аз пахта аз он шаҳодат медоданд, ки дар давоми як соат занону духтарон аллакай 15-20 килограммӣ пахта чидаанд.

– Бо дугонаҳоям мусобиқакунон пахта мечинам. Ҳамаамон дар ҳамин шароиту муҳит ба воя расидаем ва аз хурдӣ пахта мечинем. Пахтаи чидаамон рӯзмарра ҳудуди 130-160 килоро ташкил мекунад. Аз мо тақозо шудааст, ки саросема нашавем, то ки пахтаи сап-сафед бо баргу хазон омехта шуда, сифати онро паст назанад,– гуфт Саодат Тоҷибоева.

– То имрӯз барои пахтаи чидаам 8 миллион сӯм гирифтам. Ҳамроҳонам низ ҳамин қадарӣ ё кадоме каму кадоме бештар маош ба даст оварданд. Ҳар рӯз қариб саду панҷоҳ кило пахта мечинам. То охири мавсим талош хоҳам кард, ки маблағи умумии бадастовардаам аз 20 миллион сӯмро зиёд шуд,– иброз дошт чинакчии дигар Фарида Қодирова.

Маълум шуд, ки касе маҷбурӣ ба пахтачинӣ набаромадааст. Баъди чанд лаҳза трактори присепдор омада дар саргаҳи ин майдон қарор гирифт. Нафаре дарҳол тарозуро ба як гӯшаи ин присеп овезон кард. Занону духтарон пешдоманҳои пур аз пахтаро болои сар гузошта, бо навбат онро бармекашиданд ва зуд баргашта, ба чидани пахта машғул мешуданд.

– Ҷамъи пахтаи ҷамъоваришудаи мо ба 110 тонна расид. Нақшаи шартномавии мо 92 тонна мебошад. Агар аз рӯи ҳосилнокии майдонҳои кишти пахта ҳисоб кунем, аз ҳар гектар бештар аз 40 сентнерӣ ба даст овардем. Боз ҳашт гектар майдони пахта боқӣ мондааст. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳосилнокии ҳар як гектар бештар аз 45 сентнериро ташкил хоҳад кард,– мегӯяд Ҷасур Ҷӯраев.

Соли равон хоҷагиҳои фермерӣ таҳти шиори "Баликчиро ба ноҳияи аз ҳама пешқадами вилоят табдил медиҳем!" ба кишту парвариши зироат машғуланд. Онҳо дар 10 ҳазору 300 гектар кишти пахта парвариш карданд, ҳоло ба ҷамъоварии ҳосили он машғуланд. Ба даст овардани 34 ҳазору 92 тонна "тиллои сафед»-ро ба нақша гирифтаанд.

Дар майдонҳои аз пахта холишуда кишти тирамоҳии ғалла гузаронида шудааст. Аллакай гандум баромада, ба чаҳор тараф майса задааст ва барои ҳосили соли оянда заминаи мусоид фароҳам овардааст. Ин ба хотири киштгардони майдонҳо низ мебошад, ки натиҷаи хуб ба бор хоҳад овард.

Интизор меравад, ки ҳаҷми даромади имсолаи хоҷагии фермерии "Янги қишлоқ-бунёдкор" ба 900 миллион сӯм хоҳад расид ва зиндагии коргарони ин хоҷагиро боз фаровонтар хоҳад кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти АНДИҶОН.*

## ПАХТА - 2020

# Ғунучини ҳосил оғоз ёфт

Тавре ки маълум гардид, мавсими имсолаи ҷамъоварии ҳосили пахта аз солҳои пешин ба куллӣ тафовут мекунад. Аввалан ба меҳнати маҷбурӣ ҳаргиз роҳ дода намешавад. Сониян, барои пешгирии паҳншавии сирояти вируси хавфнок чораҳои қатъӣ андешида шудааст. Ба гурӯҳи ҳашарчиён нафаре аз ходимони тиббӣ вобаста аст. Ба таври доимӣ ҳарорати бадан, сиҳатии ҳашарчиёнро муоина мекунанд. Пешакӣ пахтачинон бо пардохти миқдори муайяни пул рағбатнок гардонда мешаванд.

Дар вилояти Ҷиззах низ ба зиёда аз 78 ҳазор гектар замин пахта кишт намуда буданд, ки имрӯзҳо аз он хирмани қариб 220 ҳазор тоннагӣ ба вуҷуд оварданиянд.

Дар миқёси вилоят ҳамагӣ 384 то мошини гуногуни пахтачинӣ барои саривақт ва беталаф ҷамъ овардани ҳосили имсола мавриди истифода мегардад. Бояд гуфт, ки барои як тонна пахтаи бо ёрии мошин чидашуда 50 ҳазор сӯм ва ба як килограмм пахтаи дастӣ чидашуда 1200 сӯм мепардозанд.

Алҳол дар саҳро мошинҳо ҷавлон мезанад. Ихтиёриён аллакай ба пахтачинӣ шурӯъ намудаанд.

Қисми асосии заминҳои кишт ба ноҳияи Дӯстлик рост меояд. Дар ин ҷо ҶММ «Сангзор-кластер» фаъолият мекунад. Дар ноҳия 12 ҳазор нафар ба пахтачинӣ сафарбар гардидаанд. Барои онҳо дар 80 манзили зист шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Ба ғайр аз ин дар 12 ҷойи дигар 180 ҳаймаи саҳроӣ устувор намудаанд. Ба тозагӣ ва қоидаҳои санитарӣ эътибор дода шудааст. Умуман дар ду ноҳия – Дӯстлик ва Мирзочӯл 121 мошини МХ ва 60 мошини Кейс (ҳамагӣ 180-то) машғули коранд. Гурӯҳи кории иборат аз сенаторон маҳз барои назорати ҷараёни пахтачинӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# Кишти тирамоҳӣ

***Ҳар кор вақту соате дорад, гуфтаанд гузаштагони мо. Воқеан хоҷагии фермерии «Шӯрак» имсол аз заминҳои лалмӣ беш аз 30 тонна ғалла супорида, дар минтақаи Сайроб пешсафиро аз даст надод.***

Чанд рӯз қабл аз ин хоҷагии номбурда ба кишти тирамоҳӣ оғоз намуд. Сарвари хоҷагӣ Абдусалом Ҳайитов дар суҳбат ба мо дар бораи рафти кишти тирамоҳӣ чунин нақл кард:

– Баъд аз ҷамъбаст намудани ҳосил аъзоёни хоҷагӣ ба шудгори тирамоҳӣ оғоз карданд. Мо то имрӯз 15 гектар замини обӣ ва 35 гектар замини лалмиро хушсифат шудгор карда, ба кишти тирамоҳӣ омодагӣ гирифтем. Аз таҷриба медонем, ки дар оғози тирамоҳ киштро анҷом додан хеле мушкил аст. Вале чӣ илоҷ, вақт мунтазир намешавад. Бесабаб кӯҳансолон вақт рафт – нақд рафт, нагуфтаанд. Дар ин давр паррандагон ба манзили зимистонаи хеш сафар намекунанд. Аз ин боис, вақте ки киштро оғоз мекунӣ, ҳамаи он паррандагон ба замини киштшуда якбора ҳамла карда, донаи ба замин партофтаро чида мехӯранд ва нисфи гандуми пошидаро нобуд мекунанд. Аз ҳамин сабаб ниҳоли гандум дар замин хеле кам мерӯяд. Пасон аз ин ҳосили дилхоҳ гирифтан хеле мушкил аст. Аз ин хотир мо, усули нави киштро ҷорӣ кардем. Ду-се гектар заминро кишт намуда, зуд онро обёрӣ мекунем, то ки донаи гандум дар зери хок зуд нумӯъ карда сарсабз гардад. Дар ин ҳолат паррандагон ба несту нобуд кардани донаи гандум имкон пайдо намекунанд. Аз ин хотир донаҳои гандум бехато қад мекашанд. Ҳоло мо аъзои хоҷагии "Шӯрак" бо ин усул кишти тирамоҳиро анҷом медиҳем. Дар беш аз 5 гектар бо ин усул донаи умед кошта, онро пурра обёрӣ кардем. Агар кор бо ин тартиб пеш равад, дар муддати як ҳафта кишти тирамоҳиро анҷом хоҳем дод.

Чуноне ки дар боло қайд кардем, дар заминҳои лалмӣ кишти тирамоҳиро охири моҳи октябр анҷом доданием. Умед дорем, ки дар соли оянда низ ҳосили дилхоҳ ба даст меоварем.

**Нуралӣ РАҶАБ,**
**ноҳияи Бойсуни вилояти**
**Сурхондарё.**

РОБИТАҲОИ ДӮСТӢ

# ХОНАДОНИ АРҶМАНД ДАР ХУҶАНД

***Вилояти Суғди Тоҷикистон ва маркази маъмурии он Хуҷанд ба ҷумҳурии мо бисёр наздик, эҳтимол барои ҳамин ҳам халқҳое, ки дар ду ҷониби марз истиқомат доранд, аҷдодашон, ки аз давраи бостон равуо канда накарда, паҳлӯ ба паҳлӯ кору зиндагӣ намуда, қаробат ва некҳамсоягариро ба ҷойи худ гузошта омадаанд, имрӯз низ хешӣ ва ҳамҷиҳатиро бо риштаҳои меҳру оқибат мустаҳкам менамоянд.***

Нимаи дувуми солҳои ҳафтодуми асри сипаришуда дар риштаи филологии Донишгоҳи Хуҷанд (он асно ИДПЛ ба номи Киров) таҳсил намудаам. Ба ҳар як шахс як умр бисёр азиз мондани шаҳре, ки таҳсил ва давраи беғубори ҷавонӣ дар оғӯши он гузаронидааст, ҳолати табиист. Аксар ҳамсабақҳо ба адабиёт ва эҷоди бадеӣ рағбат доштем. Дар шаҳри бостоние, ки Шайх Камол барин булбули боғи шеърияттро ба олами адаб ҳадя намудааст, овони донишҷӯиямон Раҳим Ҷалил, Озод Аминзода, Қурбон Алӣ, Маҳкам Пӯлод, Норинисо Алимуҳаммад барин шоиру нависандагони номӣ фаъолият мебурданд. Падидаҳои эҷодии навқаламон аз назари онҳо мегузашт, дар рӯзномаи донишгоҳ «Маҳорати педагогӣ» намунаҳо ба табъ мерасиданд. Мӯҳсин Аминзода (писари шоир Муҳиддин Аминзода) дар курси мо мехонд. Донишҷӯ буду аллакай чун шоир ном баровардаи ва байни ҳамдарсону устодон иззату эҳтиром дошт. Муҳсинакаро (вай аз мо панҷ сол калон буд) чун устод ҳурмат мекардем мо ҳамсабақон. Қоидаҳои вазни арӯзро ман аз вай омӯхтаам. Бо дастгирии апааш Озод Аминзода, ки чун мудири шуъбаи адабиёт ва маънавият дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Хуҷанд») адои вазифа дошт, аввалин шеърҳои шогирдонаам рӯйи чоп дидаанд.

Намояндаи хонадони арҷманд ва дар тамоми шаҳр номдоре буд ҳамкурси мо Мӯҳсинака. Падараш, тавре ишора карда гузаштем, шоир ва тарҷумони шинохта Муҳиддин Аминзода – яке аз шогирдон ва ҳамсафони Устод Айнӣ дар музофоти Хуҷанд.

Муҳиддин Аминзодаро дар Ӯзбекистон низ доираҳои адабӣ хуб мешинохтанд, чун яке аз тарғибгарони адабиёти ӯзбек дар Тоҷикистон эҳтиром менамуданд. М.Аминзода таҳсилкардаи курси омӯзгории омӯзишгоҳи шаҳри Самарқанд мебошад. Ҳамчунин солҳои 1928-1929 дар Донишгоҳи мусиқии Ӯзбекистон асрори санъат омӯхта, баъдтар баробари шоирӣ ва мутарҷимӣ чун танбӯрнавози чирадаст низ дар ду ҷумҳурӣ машҳур шудааст. Вай тӯли умр барои равнақи адабиёт ва санъат то қадри имкон хидмат намуд. Солҳои 1933-1937 ҳамчун мудири бахши адабии Театри давлатии Хуҷанд ифои вазифа сохту баъд роҳи Душанберо пеш гирифт. Тақдир ба Театри давлатии опера ва балет пайваст. Меҳри зодгоҳ ӯро ба худ кашид – ба Хуҷанд баргашту ба шохаи дигари фаъолият – тарҷумонӣ бештар машғул гардид. «Борис Годунов»-и Пушкин, «Духтар ва марг»-и Горкий, «Сирри ҳарбӣ»-и Гайдар, «Аршин мол-олон»-и В.Ҳоҷибеков ва ғайраҳоро аз русӣ ба тоҷикӣ баргардонд. Аз хурдсолӣ баробари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба туркӣ-ӯзбекӣ меҳру муҳаббат дошт. Навоию Бобурро меписандид. Достонҳои Навоиро чанд нафар ба тоҷикӣ баргардонда бошанд, достони «Фарҳод ва Ширин», ки М.Аминзода тарҷума кардааст, миёни онҳо аз ҳама дақиқ, ба асл наздик ва равону шево баромадааст. «Гулсара»-и Комил Яшинро, айни замон, Муҳиддин Аминзода ба тоҷикӣ баргардонда ва дар ба саҳнаи театр баровардани он заҳмати зиёд кашидааст.

Духтари калонии Муҳиддин Аминзода – Озод низ, ки номаш дар боло зикр гашт, аз шоираҳои хушбаёну хуштабъ буд. Аввалин шеърҳояш соли 1957, асное донишҷӯ буд, рӯйи чоп дида бошад, тӯли умр якчанд дафтари ашъор, аз қабили «Сатрҳои нахустин», «Бо ёди ту», «Чашми бедор», «Дилбари саҳро», «Пайроҳаи сабз», «Сипос», «Ёди ширин» ба дӯстдорони шеърият тақдим намуд. Соҳиби медали «Барои меҳнати шоён», Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон, Шаҳрванди фахрии Хуҷанд Озод Аминзода шоираи ҷаҳонгашта буд, аз Олмон, Фаронса ва Булғористон барин кишварҳои Аврупо дидан кард ва таассурот дар сурати шеъри рангин баён намуд. Тошканди азизи мо низ ба шоира таъсири хуб гузошта, аз тамошои он ба ваҷд омада буд:

*Субҳи дилҷӯст, дилоро шудаӣ,*
*Боз ҳам хурраму зебо шудаӣ,*
*Шавқорандаи дилҳо шудаӣ,*
*Шаҳри зебо – Тошканд.*

Духтари дигари Муҳиддин Аминзода – Зебо Аминзодаро чун раққоса ва балетмейстери нотакрор хуб мешиносем. Нозукиҳои санъати рақсро ҳанӯз аз давраи хурдсолӣ вай аз модаркалонаш Кароматхон Зокирова ва модараш Ойдиной Усмонова, ки ҳарду ҳунарпешагони мардумӣ буданд, омӯхта ва аз 9-солагӣ ба Омӯзишгоҳи хореографии Маскав ҷалб шудааст. Соли 1965 Мактаби олии рақсу хореографияи шаҳри Тошкандро хатм намудааст. Зебо Аминзода ҳамчунин хатмкардаи Институти давлатии омӯзгории Хуҷанд (1980) мебошад. Вай солҳои 1965-1978 дар Театри мазҳакавӣ-мусиқии Хуҷанд кор кард, баъд ба Душанбе рафта, ба таъсиси ансамбли рақсии «Зебо», ки хеле овозадор аст, ҳиссагузор шуд. Ба ансамбли рақсии «Гулрез» низ сарпараст гардид. Ҳунарпешаи мардумии собиқ иттиҳод З.Аминзода ду сол қабл аз ин ба Тошканд омад, ансамбли ӯ бо санъати нотакрор қалби ҳазорон дӯстдорони рақсро тасхир намуд. Вай дар суҳбат ба мо гуфт: Тошканд нафақат шаҳри нон, шаҳри дӯстӣ ва дарвозаи Шарқ, айни замон яке аз марказҳои санъат ва фарҳанги замонавист, бо ин шаҳри шукуфон, ки замонҳое дар оғӯши меҳри он буда ва таҳсил кардааст, ифтихор мекунад.

Фарзанди хурдии хонадон Муҳсин соли 1980 донишгоҳро хатм намуд. Аз соли 1981 то кунун дар Кумитаи телевизион ва радиои вилоят фаъолият бурда, дар таҳияи барномаҳои адабию фарҳангӣ ва филмҳои мустанад саҳм мегузорад. Барои таҳияи филмҳои ҳуҷҷатӣ дар бораи Аминҷон Шукӯҳӣ, Боймуҳаммад Ниёзӣ, Муҳиддин Аминзода, Озод Аминзода ва дигарон сазовори Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ шудааст. Филмномаи ӯ дар асоси ҳаёт ва фаъолияти адабии Нависандаи мардумии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил низ хуш пазируфта шуд. Очеркҳои адабиаш «Диловарони Ёва» ва «Ӯ аввалин буд» оиди шуҷоат ва мардонагию меҳнатдӯстии зодагони деҳаи Ёваи вилояти Суғд, айни ҳол, баҳои сазовор гирифт.

Маҷмӯаҳои шеъри Муҳсин «Чашма» (1989), «Сояи хаёл» (1998), «Занҷираи заррин» (2007), «Қаламам Ватан навишт» (2014) ба дасту дили ҳаводорони назми муосири тоҷик ҳарорат бахшиданд. Вай достоне дорад бо унвони «Падарам шоир буд». Асное Муҳиддин Аминзода аз олам гузашт, Муҳсин ҳамагӣ 12 сол дошт. Падар, ки зоҳиран аз поёнёбии умр хабардор буд, ба фарзанди хурдсол насиҳатномаи шеърӣ навишт, ки бо «Писарҷонам...» оғоз меёбад.

*Набояд кор, он коре, ки бад кард,*
*Ки бад номи касон бад то абад кард...*

Муҳсин менависад:

*Қадри ту гар ман надонам, эй Падар,*
*Бурдаи нонат маро кӯрам кунад.*
*Оташак ояд, занад чашми маро,*
*Гар насӯзам, зинда бар гӯрам кунад...*

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,**
*шаҳри Тошканд.*

ПАС АЗ САФАРИ ПРЕЗИДЕНТ...

# ХАЗИНАЕ, КИ ДАР БИЁБОН БУНЁД ШУДААСТ

***Дар вилояти Бухоро дар асоси қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 13 ноябри соли 2018 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди минбаъдаи паррандапарварӣ» лоиҳаҳои бузург амалӣ мешаванд.***

Дар айни замон дар вилоят саршумори мурғ ба 4,760 миллион расонда шуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 103 фоиз афзудааст.

— Дар вилоят 52 хоҷагии мурғпарварӣ мавҷуд буда, барои онҳо 940,7 гектар замини хӯроки чорво ҷудо карда шудааст, — мегӯяд директори маркази ҳудудии «Чорванасл»-и агентии вилоятии «Ӯзбекчорванасл» Носир Раҳматов. — Дар онҳо 1 миллиону 924 ҳазору 600 мурғ парвариш карда мешавад. Бо дастгирии амалии Кумитаи давлатии байторӣ ва чорводорӣ саршумори мурғҳо рӯз аз рӯз меафзоянд.

Имсол татбиқи 12 лоиҳаи бузург ба маблағи 203,6 миллиард сӯм ва созмон додани 249 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст. Дар натиҷаи татбиқи 7 лоиҳаи арзиши умумиаш 55,2 миллиард сӯм 186 ҷойи нави корӣ офарида шуданд.

ҶММ «Кластер Эмир парранда»-и ноҳияи Бухоро аз ҳисоби воми арзиши умумиаш 3 миллиону 800 ҳазор сӯм ва маблағи шахсии соҳибкор маҷмӯи замонавии барои парвариши 240 000 сар мурғ пешбинишуда бунёд мекунад.

— Лоиҳаи мазкур зимни сафари сарвари давлат ба вилоят моҳи марти соли 2019 муаррифӣ шуда буд, — гуфт роҳбари ҶММ «Кластер Эмир парранда» Улуғбек Улуғов. — Барои сохтани корхонаи мо аз ҳудуди биёбон 25 гектар замин ҷудо карда шуд. Имрӯз қисми якуми лоиҳа ба кор даровардa шуд. 4 фабрикаи мурғпарварӣ, ки бо таҷҳизоти замонавии Русия муҷаҳҳаз гардонда шудааст, бунёд гардид. Дар ин ҷо 50 000 мурғи бройлер парвариш карда мешавад. Дар корхона сехи истеҳсоли хӯроки омехта, ки аз Туркия ба 1 миллиону 120 ҳазор доллари ИМА оварда шудааст, рӯзҳои наздик ба истифода дода мешавад. Сех иқтидори дар як соат 10 тонна хӯроки омехта истеҳсол намуданро дорад. Барои сард нигоҳ доштани 1000 тонна мурғ аз Чин яхдонҳо ворид карда шуданд. Нақшаҳо зиёданд. Мо инчунин нақша дорем, ки сехи истеҳсоли хӯроки омехтаро аз пар, пойи мурғ ва умуман партовҳо ба кор андозем. Баробари ба кор даромадани ҳамаи сехҳоямон 150 ҷойи корӣ фароҳам оварда мешавад. Ба корхонаи мо 60 гектар замини корам ва 370 гектар замини лалмӣ ҷудо карда шудааст. Заминҳои ҷудошуда барои кишти маҳсулоти хӯрока барои мурғ омода карда мешаванд. Поруи мурғ бо усули компост тайёр карда, ба заминҳои корам дода мешавад. Мурғ ҷонварест, ки партовҳои он низ хеле фоидабахш аст. Аз ин рӯ, мурғ яке аз ҳафт ганҷ ба ҳисоб меравад.

— Дар бораи ба кор даровардa шудани фабрика шунида, бобати ба кор қабул намудан муроҷиат кардам, – мегӯяд сокини 27-солаи деҳаи Қумрободи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Кунҷи Қалъа Фаррух Имомов. — Аввалҳо барои кор ба Русия мерафтам. Аз сабаби пандемия рафта натавонистам. Барои он ки ба рӯзгорам нафъам расад, ба ин корхона ба кор даромадам. Дар як моҳ 10 рӯз кор мекунам ва 20 рӯз дар хона ба боғ, чорпоён ва мурғ нигоҳубин мекунам. Дар зиндагиам камбудие надорам. Бо меҳнат ба ҳама чиз ноил шудан мумкин будааст.

— Соли равон Донишкадаи тиббии байтории Самарқандро хатм кардам, – мегӯяд сокини деҳаи Сатторободи ҷамоати шаҳвандони маҳаллаи Новметан Рӯзӣ Раҷабов. — Масъалаи дар куҷо кор карданам ҳамеша маро ба ташвиш меовард. Дар ҳудудамон кушода шудани корхонаи калони махсуси мурғпарвариро шунида ба кор омадам. Шогирди духтури ҳайвонот ҳастам. Барои солимии мурғҳо масъулам. Ҳоло ман дар як фабрикаи мурғпарварӣ 50 000 сар мурғ парвариш мекунам. Шукр, ки аз рӯйи ихтисоси худ кор карда, дар ватани худ пул меёбам.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# АСАРИ САНЪАТ АЗ НАВДАҲОИ ДАРАХТ

*Сокини деҳаи Акбарободи ноҳияи Қуваи вилояти Фарғона усто Шерзод Мирзоевро нафақат дар вилоят, балки дар хориҷ низ мешиносанд. Ӯ дар ҳавлии худ устохонаи сабадсозӣ ташкил намуда, бо маҳсулоти худ дар як қатор ярмаркаҳо иштирок кардааст.*

*– Ин ҳунарро аз раҳматӣ падарам Эргашалӣ Мирзоев омӯхтаам, – мегӯяд ҳунарманд. – Имрӯзҳо бо аъзои оилаам аз навдаҳои дарахти бед, биҳӣ, тут ба офаридани асари санъат даст ёфтем. Ба хонадони мо сайёҳон ташриф меоранд. Алҳол қариб 80 навъи сабадро тайёр кардаем.*

*Усто дастхатҳои ба тариқи ташаккурнома навиштаи меҳмононро бо ифтихор ба ҳамдеҳагон нишон медиҳад. Онҳоро сайёҳоне, ки аз кишварҳои Ҷопон, Русия, Австралия, Канада, Ҳиндустон, Италия, Олмон ташриф овардаанд, навиштаанд.*

*Даромади ҳунари оилаи Мирзоевҳо ба рушди қишлоқ низ хидмат менамояд. Харидорони сабадҳои усто торафт меафзоянд.*



***Дар сурат:** усто **Шерзод Мирзоев**.*
***Аксбардор: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

АЗ НЕК – БОҒ

# ПАДРУДИ ИНСОНИ ШАРИФ

***Бузургон фармудаанд: «Чист, ки беҳтар аз зиндагонӣ ва бадтар аз марг бошад? Беҳтар аз зиндагонӣ некномист ва бадтар аз марг – бадномӣ». Дар ҳақиқат, номи нек идомаи ҳаёти инсон аст ва ӯро дар ёдҳову дар дилҳо абадан зинда нигоҳ медорад. Аз ин ҷост, ки бисёр бузургон ситоиши номи нек кардаанду накӯёнро мардуми шариф хондаанд. Хуш ба ҳоли ҳар фарди соҳибфазилате, ки бо гуфтору рафтори накӯ сафи инсонҳои наҷибро афзун месозад ва гарчи бо амри тақдир тарки олам мегӯяд, номи некашро барои солиёни зиёд дар ҷаридаи дилҳо сабт мекунад.***

Яке аз аввалин имомони Ӯзбекистон, устоди пешвоёни дини Самарқанд, собиқ саримом-хатиби вилоят, узви Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Самарқанд Ҳоҷӣ Мустафоқул Меликзода аз зумраи чунин ашхоси накӯном буда, дар 75-солагӣ тарки олами ҳастӣ намуд.

Меликзода соли 1945 дар деҳаи Чоршанбеи ноҳияи Самарқанд таваллуд шудааст ва пас аз хатми мактаби миёна фаъолияти меҳнатии хешро дар хоҷагии ҷамоатии «Гулистон» ҳамчун механизатор оғоз кард. Ӯ бо дуои падари бузургвори худ Меликбобо, ки дар масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валӣ мутаваллӣ буд, соли 1964 рахти сафар баст ва толибилми омӯзишгоҳи махсуси миёнаи исломии Мири Араб гардид. Аз соли 1971 дар Донишкадаи исломии Тошканд чор сол таҳсил гирифта, онро бо дипломи имтиёзнок хатм кард. Сипас дар масҷиди ҷомеи Имом Бухорӣ раиси ҳайати мутаваллиён буд, дар масҷиди Хоҷа Зудмурод ҳамчун имом-хатиб фаъолият бурд. Чанд сол дар масҷиди ҷомеи Хоҷа Абдуи Дарун имом-хатиб буд. Аз соли 1977 то соли 2000-ум дар вазифаи саримом-хатиби вилоят кор кард. Бо ташаббуси ӯ дар бисёр ноҳияҳои Самарқанд масҷидҳои нав қад афрохтанд ва кушода шуданд.

Дар ҷанозаи ҳоҷӣ Мустафоқул Меликзода саримом-хатиби вилоят Зайниддин Эшонқулов амри маъруф карда, дар бораи хидматҳои шоистаи марҳум барои дини мубини ислом ҳарф зад.

— Он ҳама тафсиру таҳриру маслиҳату дастгириҳояшон, ки ҳаргиз аҳамияту моҳияти худро гум намекунанд, ҷисман набудани устодро дар паҳлуи мо – шогирдон ноаён месозанд, – гуфт ӯ.

Яке аз ташаббускорони ташкилшавии таълимгоҳи исломии «Хоҷа Аҳрори Валӣ»-и воқеъ дар ноҳияи Самарқанд ва самаранок фаъолият намудани он ҳоҷӣ Мустафоқул ба шумор меравад. Хусусан, дар давоми фаъолияти ӯ чун саримом-хатиби вилоят 285 масҷид ифтитоҳ ёфт. Дар таълимгоҳи мазкур чандин сол дар вазифаи роҳбар ва устод фаъолият намуда, барои илм омӯхтани шогирдон ва ривоҷи дини ислом саҳми муносиб гузошт.

Бояд таъкид намуд, ки дар миқёси вилояти Самарқанд ягона касе буд, ки аз соҳаи дин ду маротиба депутати Шӯрои намояндагони халқи вилоят интихоб шуд. Хидматҳояш на танҳо дар миқёси вилоят, балки дар ҳудуди мамлакат зиёд буда, муносиб қадршиносӣ карда шуд ва бо якчанд мукофотҳо, чаҳор нишон ва ордени ҳукуматӣ, аз ҷумла нишони хотиравии «10-солагии Истиқлолияти Ӯзбекистон» сарфароз гардонда шуд.

**З.ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# МАТНИ «МАСНАВӢ» БА НАСР

## Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад

Чун Хоҷа порае аз он харбуза чашида, аз талхияш баданаш оташ гирифт ва забонаш обила карду ҳалқаш сӯхт, соате аз шиддати талхӣ беҳуд афтод. Чун ба худ омад, ба Луқмон рӯ оварду гуфт: «Эй Луқмон, эй ҷони ҷаҳон! Ту чӣ сон ин қадар зиёд ин харбузаи талху заҳрогинро нӯши ҷон кардӣ ва ин азиятро лутфу марҳамат ангоштӣ?»:

*Чун бихӯрд, аз талхияш оташ фурӯхт,*
*Ҳам забон кард обила, ҳам ҳалқ сӯхт.*
*Соате беҳуд шуд аз талхии он,*
*Баъд аз он гуфташ, ки эй ҷони ҷаҳон,*
*Нӯш чун кардӣ ту чандин заҳрро?*
*Лутф чун ангоштӣ ин қаҳрро?*

Луқмон дар посух ба Хоҷааш гуфт: «Ман аз дасти неъматбахши ту он қадар ширинии неъматҳои алвон чашидаам, ки шуморе надорад. Шармам омад, ки ба як талхӣ хӯрдан, доду фарёд кунам. Чун ба ту муҳаббати беандоза дорам, талхҳо низ аз дасти ту ширин аст ва қаҳрҳо лутфу муҳаббат.

*Гуфт: «Ман аз дасти неъматбахши ту,*
*Хурдаам чандон, ки аз шармам дуту.*
*Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,*
*Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.*
*Аз муҳаббат хорҳо гул мешавад,*
*В-аз муҳаббат сиркаҳо мул мешавад.*
*Аз муҳаббат мурда зинда мешавад,*
*В-аз муҳаббат шоҳ банда мешавад»...*

*Хулосаи матлаб:* Хоҷаи Луқмон Худованд ва шебу фарозиҳои зиндагист. Ӯ (Луқмон) мегӯяд: аз Худованде, ки чандин гоҳ ширинӣ хурда лутфу марҳаматҳо дидаам, ба як талхӣ ҷаро узр оварам ва талхиро рад кунам:

*Ошиқам бар лутфу қаҳраш ман ба ҷид,*
*Эй аҷаб, ман ошиқи ин ҳарду зид.*

*Тавзеҳ:* Ин достонро Аттор дар «Мантиқ-ут-тайр» назм карда ва Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» низ онро ба гунае дигар, ба хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ нисбат медиҳад ва маншаъ-ул-маншаи он Қуръони азимушшаън аст.

## Агар мусулмонӣ чунин бошад,...

Дар аҳди Султон Боязиди золим габре зиндагӣ дошт ва рӯзе як мусалмони саид (хушбахт) ӯро гуфт: «Эй габр, чӣ шавад, ки ту ислом оварӣ (яъне дини исломро қабул кунӣ) ва бад-ин васила аз садҳо раҳоиву сарварӣ ёбӣ?»

Габр гуфт: «Эй мурид (яъне эй иродатманди ислом: ба маънои «марид» – «хабусу саркаш» – низ дуруст аст) ва эй пайрави ислом! Агар ислом он аст, ки Султон Боязид дорад, ман тобу тоқати пазироии онро надорам, гарчи ба имону дини шумо муқин нестам (яқин бовар надорам), лек дар имони худ басо устувораму эътиқод дорам. Агар имон ҳамин имони шумо бошад, маро бад-он майлу иштиҳое нест. Ҳар кӣ агар ба имону эътиқоде ба ислом сад майлу рағбат пайдо кунад, чун имони шуморо дид, майлу рағбаташ ботил мегардад. Зеро дар имону эътиқоди шумо фақат номе ҳасту маъние нест, зоҳир ҳасту ботини маънавию рӯҳоние не! Шумо биҳиштро дӯзах мегӯеду дӯзахро биҳишт. Ҳар кӣ аз ботини пучу холии шумо огаҳӣ ёбад, аз пазируфтани исломи шумо имонаш бифсурад (афсурда гардад):

*Буд габре дар замони Боязид,*
*Гуфт: ӯро як мусулмони саъид.*
*Ки чӣ бошад гар ту ислом оварӣ,*
*То биёбӣ сад наҷоту сарварӣ.*
*Гуфт: «Ин ислом агар ҳаст, эй мурид,*
*Он ки дорад шоҳи олам Боязид.*
*Ман надорам тоқати он, тоби он,*
*К-он фузун омад зи кӯшишҳои ҷон.*
*Гарчӣ дар имону дин номӯқинам,*
*Лек дар имони худ бас муъминам...*
*Он кӣ сад майлаш суви имон бувад,*
*Чун шуморо дид, он ботил шавад.*
*З-он ки номе бинаду маъниш не,*
*Чун биёбонро мафоза гуфтане.*
*Чун ба имони шумо ӯ бингарад,*
*Ишқи ӯ з-оварди имон бифсурад».*

*Тавзеҳ:* Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» (с.149) ин достонро ба сурати зайл нақл кардааст: «Нақл аст, ки габре буд дар аҳди Боязид. Гуфтанд: Мусулмон шав. Гуфт: «Агар мусулмонӣ ин аст, ки Боязид мекунад, ман тоқати он надорам ва агар ин аст, ки шумо мекунед, орзуяш намекунам».

## Магар тобутро ба хонаи мо мебаранд?

Кӯдаке дар пеши тобути падар зор-зор менолид ва бар сару рӯяш мекӯбид ва нолон мегуфт: «Эй падарҷон, охир туро куҷо мебаранд, магар мехоҳанд туро дар зери хок биспуранд... Оё туро хонаи тангу заҳире (намноке) мебаранд, ки дар он на қолӣ ҳасту на фаршу на ҳасир (бӯрё), на дар шаб чароғе дораду на дар рӯз қурси ноне, ҷое, ки аз буйи таом ному нишоне нест, на дору на сақфу на боме маъмур (обод) дораду на ҷоме дар он равшанӣ меафканад? Падарҷон, магар туро ба ҷое мебаранд, ки барои меҳмонат як қулт об ҳам намеёбӣ, ҳамсояе ҳам надорӣ, ки пушту паноҳи ту бошад? Ҷисми ту, ки дар зиндагӣ мардум бӯсагоҳи худ карда будандаш, ҳоло дар чунин ҷойи кӯру кабуд (тангу тор) чӣ гуна хоҳад шуд?...

*Кӯдаке дар пеши тобути падар,*
*Зор менолиду бармекӯфт сар.*
*К-эй падар, охир куҷоят мебаранд,*
*То туро дар зери хоке биспуранд...*
*Мебарандат хонаи тангу заҳир,*
*Не дар ӯ қоливу не фаршу ҳасир...*
*Не чароғе дар шабу дар рӯз нон,*
*Не дар он буйи таому не нишон...*
*Не дараш маъмуру не сақфу на бом,*
*Не дар ӯ баҳри зиёе ҳеҷ ҷом.*
*Не дар он аз баҳри меҳмон оби ҷоҳ,*
*Не яке ҳамсоя, к-ӯ бошад паноҳ...*
*Ҷисми ту, к-ӯ бӯсагоҳи халқ буд,*
*Чун шавад дар хонаи кӯру кабуд?...*
*Хонаи бе зинҳору ҷойи танг,*
*К-андар он на рӯй мемонад, на ранг»...*

Хулоса, кӯдак бо дидаи хунбор ашк мефишонд ва авсофи он хонаи тангу тор (гӯр)-ро як-як бармешумурд ва навҳа мекард. Ҷуҳо, ки бо падараш дар он ҷаноза ҳузур дошт, сифатҳои он хонаи тангу торро аз забони кӯдак шунида ба падар рӯ оварду гуфт: «Эй падари арҷманд! Валлаҳ, ин тобутро ба хонаи мо мебаранд». Падараш гуфт: «Аблаҳ машав ва газоф магӯй!». Ҷуҳо гуфт: «Эй бобо (падар), ба нишону аломатҳое, ки як-як мешуморад, диққат кун! Ҳама он нишонаҳо ба хонаи мо мувофиқат мекунаду мушобиҳат (монандӣ) дорад, ҳеҷ шакке нест, ки ин тобутро ба хонаи мо мебаранд».

*З-ин насақ авсофи хона мешумурд,*
*В-аз ду дида ашки хунин мефишурд.*
*Гуфт Ҷуҳо бо падар, к-эй арҷманд,*
*Валлаҳ, инро хонаи мо мебаранд.*
*Гуфт: Ҷуҳоро падар: «Аблаҳ машав!»,*
*Гуфт: «Эй бобо, нишониҳо шунав!*
*Ин нишониҳо, ки гуфт ӯ як ба як,*
*Хонаи морост бе тардиду шак!».*

*Тавзеҳ:* Зоконӣ низ ин достонро чунин наср кардааст: «Ҷанозаеро ба роҳ мебурданд. Дарвеше бо писар бар сари роҳ истода буданд, писар аз падар пурсид: «Падарҷон, дар он тахти равон чист?»

Падар гуфт: «Одам». Гуфт: «Куҷояш мебаранд?».

Гуфт: «Ба ҷое, ки на хӯрданӣ дораду на нӯшиданӣ, на пӯшиданӣ дораду на нону об ва на ҳезуму оташ ва на зару симу бурё ва на гилем...». Писар гуфт: «Бобо, магар ба хонаи мо мебарандаш?»... (Зоконӣ, «Ҳикояҳои дилкушо». саҳ. 144).

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта. Давом дорад).**

Баргардониши
**Файз МАҲМУД.**

«Алҳол тамоми корҳои амалӣ ва кӯшишҳоямон ба он равона карда шудаанд, ки омӯзгорӣ дар Ӯзбекистон бонуфузтарин ва бошарафтарин касб гардад. Барои ноил шудан ба ин мақсади наҷиб давлат ва ҷомеаи мо тамоми маблағ ва захираҳои заруриро равона мекунанд».

*Шавкат МИРЗИЁЕВ,*
*Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*
*(Аз табрики идонаи соли 2019 ба омӯзгорон ва мураббиёни Ӯзбекистон).*

# 1 ОКТЯБР – РӮЗИ ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁН



*Шаҳноза Маъдиева 17 сол аст, ки дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 35-уми шаҳри Бухоро ба толибилмон аз фанни забони англисӣ сабақ медиҳад. Омӯзгор саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҷараёни дарс аз технологияи нави инноватсионӣ, воситаҳои электронӣ, методикаи таълими забони хориҷӣ васеъ истифода барад. Ба мақсади афзудан ба дониши худ дар курсҳои «Coursera» онлайн, вебинар онлайни донишгоҳҳои Cambridge, Oxford ширкат ҷуста, соҳиби сертификат гардидааст. Соли ҷорӣ дар мулоқоти онлайн, ки барои омӯзгорони мамлакат баргузор шуд, иштирок намуда, ба сабаби мукаммал донистани забони хориҷӣ сазовори дараҷаи сертификати байналхалқии CI гардид. Тақдимоти шавқангези муаллима дар маҷаллаи байналхалқии илмию оммавии «Clarivate Analitics»-и ИМА рӯйи чопро дидааст.*

***Дар акс:** омӯзгори фанни забони англисӣ **Шаҳноза Маъдиева**.*

***Аксбардор: Т.ИСТАДОВ (ӮзА).***

## СОЛИ ХОНИШИ НАВ – ДАР МАКТАБИ НАВ

**Аз боиси набудани мактаб дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ҷари ноҳияи Косонсой фарзандони маҳалла дар мактабҳои рақами 2-юм ва 25-ум, ки аз ҳудуди маҳалла дар масофаи 3-4 километр дуртар воқеъ буд, таҳсил мегирифтанд. Сокинони маҳалла то аз мактаб баргаштани фарзандонашон дар хавотир мемонданд. Барои ҳамин ҳам онҳо солҳои дароз дар ҳудуди маҳалла сохта шудани мактабро орзу мекарданд.**

Ба муносибати соли хониши нав орзуи деринаи бошандагони маҳалла ҷомаи амал пӯшид. Аз ҳисоби 8 миллиарду 200 миллион сӯм маблағи давлат, дар маркази маҳалла мактаби рақами 54-ум дар рӯзҳои карантин ба пандемияи коронавирус нигоҳ накарда, аз ҷониби бинокорони гулдасти ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Кушон само юлдузи» дар муддати кӯтоҳ қад рост намуд. Аз ин хурсандии падару модарон ва хонандагон ҳадду канор надошт.

Мактаб толори маҷлис, зали варзиш дошта, ҳар як синфхона бо асбобу анҷомҳои заруриии гуногун ҷиҳозонида шудааст. Мактабиён метавонанд бо ёрии устодонашон дар машғулиятҳои назарӣ ва амалӣ иштирок кунанд.

Мактаб ба 420 нафар хонанда пешбинӣ шуда, ҳозир ин ҷо 722 нафар хонанда таҳсил мегиранд. Ба онҳо 46 нафар омӯзгорон ва мураббиёни соҳибистеъдод таълим ва тарбия медиҳанд. Ҳар яки онҳо аз тариқи санҷиш интихоб гардида, ба кор қабул шуданд.

– Камина 12 сол аст, ки вазифаи директори мактабро дар ӯҳда дорам. То ҳол дар мактаби дигар директор будам. Худ сокини ҳамин маҳаллаам. Вақте ки маро ба ин мактаби навбунёд ба вазифаи директор пешниҳод карданд, бе ҳеҷ гуна дудилагӣ розӣ шудам. Дар ҳудуди маҳаллаамон писарону духтарони боистеъдод бисёранд, – гуфт директори мактаб Алишер Абдурашидов.

– Хушбахтона, ба таълими анъанавӣ рухсат дода шуд. Мо мактаб ва устодонамонро пазмон шуда будем. Дар дарси аввалини соли хониши нав ҳокими ноҳия Баҳодур Юсупов аз фанни кимиё дарс гуфт, ки ба мо писанд омад, – мегӯяд хонандаи синфи 11-ум Фарзона Абдумаҷидова.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Минбари омӯзгор*

## ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ЧУН ОБУ ҲАВО ЗАРУР АСТ

Ёд дорам, якуми сентябри соли 1981 буд. Субҳидам модари муқаддасам либоси тозаву озода пӯшонида, аз ҷабинам бӯсида... бо як даста гул то сари кӯча гусел карданд. Ана баъд бо падари бузургворам Ҳамроқул Бердиқулов (илоҳо ҷояшон дар ҷаннат бошад!) сӯйи мактаби деҳа хандону шодон равон шудем. Аллакай саҳни таълимгоҳ бо волидайну толибилмон пур буд. Муаллима Маҳфуза Умарова пас аз суҳбат бо қиблагоҳам ба шогирдӣ гирифтанд. Навиштану хонданро омӯхтам. Пас аз номаи камол гирифтан ҳуҷҷатамро ба Донишкадаи педагогии Самарқанд супоридам. Хушбахтона, дари толеъ ба рӯям боз шуд, ки аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузаштам. Дар тӯли чор сол аз устодони сахтгиру меҳрубон паҳлӯҳои гуногуни педагогикаро омӯхтам. Аммо вақт чунон зуд сипарӣ гашт, ки то ҳол дар ҳайратам.

Бо дипломи донишкада боз ба мактаби зодгоҳам омадам. Фаъолияти педагогии ман бо вазифаи сарвари пешоҳангон оғоз ёфт. Ана баъд муаллимаи синфҳои ибтидоӣ ва сипас ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия таъин гардидам.

Қариб 15 сол аст, ки сарвари мактаб ҳастам. Ҳоло дабистони мо навбунёд аст. Имрӯзҳо беш аз ҳазор нафар фарзандони деҳаи таърихии Арабхона дар синфхонаҳои васеъ, равшан ва бо асбобҳои аёнӣ ҷиҳозонидашуда таълиму тарбия мегиранд. Ба онҳо 57 нафар омӯзгорони баландихтисос сабақ медиҳанд. Соли равон 68 нафар дабистонро хатм карда, шомили мактабҳои олӣ ва ҳунаристонҳо шуданд.

Воқеан, дар Мурочиатномаи сарвари давлатамон ба Олий Маҷлис дар баробари дигар масоили муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ сари масъалаҳои боло бурдани сифати таълиму тарбия, мустаҳкамнамоии пояҳои ахлоқи ҷомеа, гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ, ҳифзи истиқлолият, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа ва ғайра ба таври махсус таъкид шуд. Зеро дар радифи пешбурди бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои кишвари мо дар ин даврaи муҳим тарбияи насли наврас чун обу ҳаво зарур аст. Мурочиатномаи Президент раҳнамои бебадалест барои давлату миллати мо – на танҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ, балки ба ҳама қишрҳои ҷомеа ва ҳар фард, махсусан барои насли ҷавон мусаллам аст, ки имрӯз ҳидоятҳои сарвари давлатро сармашқи зиндагии худ қарор бидиҳем, пас ояндаи дурахшоне насибамон хоҳад шуд.

Дареғо, ки пандемия муаммоҳои зиёдеро пеш овард. Бо вуҷуди ин омӯзгорон ба тарзи онлайн ба шогирдон сабақ медиҳанд. Устодони синфҳои ибтидоӣ Гулнора Шукурова, Мунира Нозилова, муаллимаи фанни риёзӣ Фавзия Пирназарова, физика Ҳимоят Ҷабборова, забони хориҷӣ Шохрух Бекмуродов, тарбияи ҷисмонӣ Ӯктам Мардонов ва дигарон ифтихори ҷамоаи мо ҳастанд.

Чанде пеш бо мақсади баланд бардоштани самаранокии омодагӣ ба соли хониши нав дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва чораҳо оид ба ҳифзи саломатии хонандагон ва омӯзгорон вазири Вазорати таълими халқ ба Самарқанд омад. Вай баъди шинос шудан бо фаъолияти мактабу маорифи вилоят тавассути онлайн машварат ороста нисбати бурду бохти мо ҳарф зад.

Албатта, камбудиҳо мавҷуд ва бартараф кардани он барои мо ҳам қарзу ҳам фарз.

Хулоса, мактаб даргоҳи муқаддас аст. Зеро ба қавли Устод Садриддин Айнӣ:

*Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,*
*Мактаб зи ту мебарад басе ранҷу тааб.*
*Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:*
*Одам нашавад касе, магар аз мактаб.*

**Моҳчеҳра БЕРДИҚУЛОВА,**
**сарвари таълимгоҳи рақами 3-юми ноҳияи Самарқанд.**

***Муаллимаи аввалинам Назира Нарзуллоева мебошанд. Дар мактаби хатмнамудаи банда — №7 ноҳияи Сариосиё омӯзгорони соҳибтаҷриба бисёранд, ки бо маҳорати баланди педагогӣ дарс мегузаранд. Аз ҳар соати дарсии онҳо як олам ғизои маънавӣ гирифтан мумкин.***

## УСТОД – ШАХСИ БУЗУРГ

Албатта, ҳама баробар ғизои маънавӣ гирифта наметавонад. "Ҳар кӣ ба андозаи ҳиммат" аз олами зебои илму маърифат баҳравар мегардад. Толибилм, ки пайваста ба омӯхтани илму дониш кӯшиш менамояд ва ташнаи ин баҳр аст, ҳеҷ гоҳ аз он сер нахоҳад шуд. Ин мазмун дар ҳадиси муборак барҳақ оварда шудааст: "Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй!"

Ба ҳамаи устодоне, ки дар омӯхтани фанҳо саҳм гузоштаанд ва пайваста ба роҳи дуруст ҳидоят менамуданд, насиҳатҳо мекарданд, ташаккур мегӯям.

Сипоси беҳисоб ба падари омӯзгорам. Инчунин, ба ганҷинаи китобҳои бебаҳояшон... Шоир барҳақ нигоштааст:

*Ногаҳон хоре халад дар пои фарзандон агар,*
*То тавонад мекашад онро ба мижгонаш падар.*

Ҳамаи муаллимони мактабамро ман ба худ устод меҳисобам, аз ҳар яке чизе омӯхтаам ва ба бахти фарзандону шогирдон бигзор сарбаланд бошанд.

Хидмати устодро ба ҳеҷ чиз баробар карда намешавад. Мудом шамъи фурӯзон, роҳнамои шогирдон бошед. Омӯзгор шахси бузург аст!

*Муаллим, нақши ту доим ба ёдам*
*Муаллим, додаи хатту саводам.*
*Таманноям дар ин дунёи фонӣ*
*Ҳамеша мӯҳтарам, хушрӯз монӣ!*

**Шукрона ҒАФУРОВА,**
**донишҷӯи бахши тоҷикии факултаи филологияи ДД Тирмиз.**

## РАВШАНЗАМИР

Қаҳрамони имрӯзаи мо, ки дар хусуси фаъолияту маҳорати педагогияш сухан меронем, аз зумраи омӯзгоронест, ки бо меҳнату заҳмати омӯзгорӣ дар назари мардум мебошаду аз тарафи шӯъбаи таълими халқ эътироф шудааст.

Хуршед Ёдгоров дар давоми солҳои 2000-2004-ум факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Тирмизро бомуваффақият хатм намуда, фаъолияти кориашро дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 5-ум оғоз намуд. Чун ҷавони серкӯшишу донандаи хуби ихтисоси худ ба зудӣ дар байни ҷамоаи омӯзгорон шӯҳратёр гардид. Аз аввали солҳои фаъолияти кориаш хонандагонаш ба озмунҳои фаннӣ пайваста иштирок намуда, дар марҳилаҳои ноҳиявию вилоятӣ ҷойҳои намоёнро ишғол карданд. Худаш низ дар озмунҳои гуногун фаъол иштирок намуда, ғолиб шудааст. Масалан, соли 2015 дар озмуни вилоятии «Беҳтарин конспекти дарси яксоата» иштирок намуда, ғолиб гашт. Гуфтан ҷоиз аст, соли 2016-ум дар озмун-азназаргузаронии «Беҳтарин омӯзгори WEB-сайт» дар байни даҳ нафар дар вилоят ғолиб баромада, дар марҳилаи ҷумҳурӣ фаъол иштирок намуд.

Омӯзгори тоифаи олӣ Хуршед Ёдгоров ин касбро аз раҳматии бобояш Тӯра Ёдгоров ва падари соҳибҳунараш Истад Ёдгоров ба мерос гирифтааст. Дар ҷодаи пурмашаққати омӯзгорӣ ӯ тасодуфӣ нест. Ин буд, ки маҳбуби дилҳост. Ҳамаи муваффақиятҳои кориаш фахри мактабу аҳли деҳа аст. Ӯ пайваста барои ҷустуҷӯю барои ихтисоси худ ва татбиқи технологияи нави педагогӣ дар таълим мекӯшад.

Метавон гуфт, Хуршед Ёдгоров хубтарин ва беҳтарин мутахассис дар соҳаи компутер эътироф гардида, аз маслиҳату машваратҳои ӯ босамар бархурдор мегарданд. Дар ихтисоси худ ӯ Зариф Хурсандовро устод медонад ва пайваста дар таҷрибаивазкунӣ мекӯшад. Аз навигариҳо саривақт воқиф шуда, дар амалиёти таълим онро васеъ истифода мекунад. Ҳамкадами замон будану дар рушду такомули маориф саҳми босазо доштанро меписандад.

Маҳсули самари ҳамин кӯшишу ҷустуҷӯйҳои ӯ буд, ки дар тӯли фаъолияти муаллимиаш даҳҳо шогирдонашро дар озмунҳои фанни информатика дар миқёси вилояту ҷумҳурӣ иштирок кунанд. Нафақат иштирок, балки ҷойҳои муносибро ишғол намуданд. Маҳсули заҳмати омӯзгор ва ҳатто метавон гуфт, сарвату боигарии ӯ шогирдонаш мебошанд, ки чанде аз онҳоро номбар намудан ҷоиз аст: Ризвон Ҷамолов, Достон Ҳидоятов, Суҳайл Саидов, Шералӣ Ӯзбеков, Диёр Воҳидов, Нилуфар Турсунова дар «Санҷиши дониш»-ҳо дар миқёси вилоят ҷойи аввалро ишғол карда, дар марҳилаи ҷумҳурӣ фаъол иштирок намудаанд. Х.Ёдгоров чун омӯзгори навовар доири ихтисоси худ дастуру маводҳои методии хешро, ки аз таҷрибаи чандинсолааш ғун кардааст, дар шуъбаи маорифи халқ ба ҳамкасбони хеш пешкаш намуд. Соли хониши 2019-2020-ум ҳам дар мавзӯи «Корбасти амалҳои математикӣ ва функсияҳо дар фанни информатика» кораш дар миқёси вилоят оммавӣ гардонида шуд, ки усулу методҳои замонавии омӯзиш мавзӯи мазкурро тақозо дорад. Хуршед Ёдгоров дастпарвари мактаби рақами 33 бошад ҳам, пурра фаъолияти педагогиаш дар мактаби рақами 5 сурат мегирад. Табиати ором, камгапӣ аз хӯйи хубу ахлоқи ҳамидааш дарак медиҳад. Шояд шоир маҳз барои Хуршед барин шахсони муаддаб гуфтааст:

*Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,*
*Кас аз дасту забони худ маёзор.*

Ин ҳама фазилатҳои неки инсонӣ бо илму маърифаташ қавӣ гардид. Бе ин ҳама наметавонем раҳбаладди комили шогирдон бошем.

Дар охир ба муносибати Иди омӯзгорон ва мураббиён аҳли маориф, хоссатан устоди касби худ, муаллими ба дилу дидаи мардум наздик Хуршед Ёдгоровро табрику таҳният намуда, ба фаъолияти омӯзгориаш хубиҳо таманно дорем.

**Салом АТОЕВ,**
**омӯзгори тоифаи олии мактаби рақами 5-уми ноҳияи Бойсун.**

## ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

*ба муносибати*

## 1 ОКТЯБР — РӮЗИ ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁН

тамоми ходимони соҳаи таълим ва тарбияро самимона муборакбод менамояд!




Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-935. Адади нашр 663, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.